Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи пасандозҳои
шахсони воқеӣ
№ 21 аз “ 12 “ декабри с. 2019
тасдиқ шудааст

**Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд – Тартиб) аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд — Хазина) дар асоси моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” (минбаъд – Қонун) таҳия гардидааст, ки мутобиқи он ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина уҳдадорандмаълумот оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва иштироки ташкилоти қарзӣ дар онро дар воҳидҳои сохтории ташкилоти қарзӣ, ки дар он ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ амалӣ карда мешавад, инчунин дар сомонаҳои расмӣ дар Интернет ҷойгир намояд.

1.2. Мақсади Тартиби мазкур аз таҳкими боварии аҳолӣ кишвар ва пасандоздорон ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Тадбирҳои мазкур инчунин барои таъмини суботи молиявии мамлакат равона карда шудаанд.

1.3. Тартиби мазкур чорабиниҳо оид ба пешниҳоди маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро муқаррар менамояд.

1.4. Мафҳумҳои дар Тартиби мазкур истифодашаванда ба мафҳумҳои асосии дар Қонун оварда шуда мувофиқат менамояд.

## 2. Тартиби пешниҳоди маълумот оид ба иштироки ташкилоти қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

2.1. Ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ҷойҳои намоён ва утоқҳои барои пасандоздорон дастраси ташкилоти қарзӣ (саридора ва воҳидҳои сохторӣ), ки дар он хизматрасонии

пасандоздорон ва қабули пасандозҳои шахсони воқеӣ амалӣ карда мешавад, тибқи қоидаи пешниҳоди маълумот ба мизоҷон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ (дар лавҳаҳои иттилоотӣ ва электронӣ), инчунин дар сомонаҳои расмии худ дар шабакаи Интернет маълумоти зерин ҷойгир менамоянд:

- нусхаи (матни) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ";

- нусхаи рангаи Тасдиқнома оиди иштироки ташкилоти қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби Хазина дода шудааст;

- плакат, буклет, нишон ва дастур ба пасандоздорон дар бораи тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби Хазина, ки дар он маълумот оид ба пасандозҳои суғурташуда ва андозаи ҷубронпулии суғурта, инчунин маълумоти мухтасар оид ба тартиби мурочиати пасандоздор барои гирифтани ҷубронпулии суғурта оварда шудааст;

- суроғаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, нишони сомонаи Хазина дар шабакаи Интернет (www.idif.tj), суроғаи электронӣ (info@idif.tj) ва телефонҳо барои тамос.

## 3. Тартиби пешниҳод маълумот ба пасандоздорон

3.1. Бо мақсади иҷрои талаботи Қонун ба ташкилотҳои қарзӣ тавсияҳои зерин дода мешавад:

- ба диққати пасандоздорон пешниҳоди маълумот оид ба рақами ташкилоти қарзӣ дар Феҳристи ташкилотиҳои қарзии - узви Хазина ва шинос намудан бо Тасдиқномаи аз ҷониби Хазина додашуда;

- муайян намудани кормандони масъули ташкилоти қарзӣ барои ҷавоб додан ба дархостҳои пасандоздорон оид ба масъалаҳои вобаста ба суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;

- омода намудани дастур, ки дар он ҷавобҳо ба саволҳое, ки бештар оиди Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ пурсида мешаванд;

- ҳангоми бастани шартномаҳо бо шахсони воқеӣ оид ба ҷалби маблағҳои пулӣ ба пасандоз, дар матни шартномаҳои пасандозӣ банди алоҳида дар бораи суғурта гардидан ё нагардидани пасандозҳоворид карда шавад;

- огоҳ кардани амонатгузорон оиди зарурати сари вақт ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод намудани маълумот дар мавриди тағйир ёфтани мушаххасоте, ки ҳангоми бастани шартномаи пасандозӣ дарҷ шудааст (ному насаб, номи падар, суроғаи бақайдгирӣ, ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти

амонатгузор), инчунин дар бораи оқибатҳои эҳтимолии манфии пешниҳод накардани чунин маълумот ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ, ки дар он пасандоз ҷойгир карда шудааст, аз ҷумла зиёд гардидани мухлати баррасии талаботи пасандоздор барои пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда, манъи пардохти ҷубронпулӣ, агар муайян кардани шахсияти пасандоздор ғайриимкон бошад.

3.2. Аз рӯи саволҳои пасандоздорон вобаста ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бе ҷавоб мондаанд, ташкилотҳои қарзӣ метавонанд ба пасандоздорон тавсия диҳанд, ки бевосита ба Хазина муроҷиат намоянд ё ин ки маълумоти муфассалро аз сомонаи Хазина дар шабакаи Интернет www.idif.tj дастрас намоянд.

## 4. Тартиби аз ҷониби ташкилоти қарзӣ истифода бурдани нишони "Пасандозҳо  суғурта шудааст – Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ"

4.1. Ташкилотҳои қарзӣ нишони Хазина "Пасандозҳо суғурта карда шудаанд – Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" - ро (минбаъд - Нишон) бояд тибқи тартиби мазкур истифода баранд.

4.2. Ҳангоми аз ҷониби ташкилоти қарзӣ истифода бурдани Нишон тағйир додани шакл ё ранги он, ворид намудани тасвири иловагӣ, инчунин таҳрифи калимаҳо ва ҳарфҳои он иҷозат дода намешавад.

4.3. Нишон бояд аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо роҳи ҷойгир намудани он дар хазинаҳои амалиётӣ, лавҳаҳои иттилоотӣ ва даромадгоҳи бинои ташкилотҳои қарзӣ, банкоматҳо, инчунин дар дигар ҷойҳои ба мизоҷони ташкилоти қарзӣ намоён истифода бурда шавад.

4.4. Истифодаи Нишон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо мақсади реклама, яъне паҳн намудани он дар шакли гуногун, бо истифода аз воситаҳои таблиғотии ташкилоти қарзӣ иҷозат дода мешавад.

4.5. Ташкилоти қарзӣ - узви Хазина уҳдадор аст, ки Нишони мазкурро дар сомонаи худ дар шабкаи Интнернет ҷойгир намояд.

4.6. Ба ташкилотҳои қарзӣ тавсия дода мешаад, ки Нишони Хазинаро дар буклет, брошюра, лавҳаҳои маълумотию ташвиқотӣ оид ба ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ истфода барад.